**ТАҚРИЗИ**

**ба автореферати Муртозоев Холмурод Ризоқулович “Вижагиҳои савтӣ ва лексикӣ-семантикии ашъори намояндагони сабки хуросонии адабиёти тоҷику форс”, ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.**

Маводи фароҳам овардаи соҳиби диссертатсия барои омӯзиши ҷиддӣ ва ҳар тарафаи вижагиҳои забони адабии тоҷикӣ дар замони рушди сабки хуросонӣ, омилҳои лингвистии асосии сабки хуросонӣ, вижагиҳои овоӣ, луғавӣ, мавқеи вомвожаҳо ва баррасию муайян кардани категорияҳои луғавию семантикии онҳо дар осори намояндагони сабки хуросонии тоҷику форс бар асоси назарияҳои илмӣ ва таҳқиқи решашиносӣ аҳамиятнок аст.

Дар ин замина автореферати Муртозоев Холмурод Ризоқулович “Вижагиҳои савтӣ ва лексикӣ-семантикии ашъори намояндагони сабки хуросонии адабиёти тоҷику форс” яке аз тадқиқотҳои ҷолиб буда, мавқеи муҳиммеро дар омӯзишу муаррифии сарвати нотакрори забони тоҷикӣ соҳиб гаштааст.

Автореферати диссертатсияи Муртозоев Холмурод аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти илмӣ иборат буда, ба иҷрои вазифаҳои муайяншудаи таҳқиқ равона гардидааст.

Дар қисми муқаддимавии автореферат масъалаҳои маъмулии дастгоҳи илмии пажӯҳиш, аз он ҷумла муҳиммияти мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳо, усули пажӯҳиш, заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, аҳамияти назариявию амалӣ ва муқаррароти асосии он пешниҳод шудаанд.

Боби якуми автореферат “Сабки адабӣ ва хусусиятҳои истилоҳии он” номгузорӣ шуда, диссертант маънои луғавӣ ва истилоҳии сабки адабиро мавриди баррасӣ қарор дода, масъалаҳои робитаи сабкшиносӣ ва услубшиносӣ, хусусиятҳои забони адабии порсии дарӣ-тоҷикӣ дар замони рушди сабки хуросонӣ, заминаҳои адабию лингвистии сабки хуросониро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюми автореферат «Вижагиҳои савтӣ (фонетикӣ)-и ашъори намояндагони сабки хуросонӣ» унвон дошта, дар ду фаслу зерфаслҳо таҳлил шудааст. Дар ин боб диссертант ба ҳодисаҳои фонетикии танаввуи фонемаҳо дар вожаҳо, ҳодисаи монандшавӣ дар занҷираи гуфтор, ҳодисаҳои савтии тахфиф, коҳишу афзоиш ва ҷойивазкунии вожаҳо дар ашъори намояндагони сабки хуросонӣ диққати махсус зоҳир намуда, бо муваффақият ноил гаштааст.

Боби сеюми автореферат «Вижагиҳои луғавию маъноии ашъори намояндагони сабки хуросонӣ» унвон дошта ба масъалаҳои бунёди вожагони ашъори намояндагони сабки хуросонӣ, вожаҳои аслии тоҷикӣ, корбурди вожаҳои портӣ, корбурди вожаҳои суғдии ашъори намояндагони сабки хуросонӣ, мавқеи вомвожаҳои арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва туркӣ дар ашъори намояндагони сабки хуросонӣ бахшида шудааст.

Қисми хулосавии авторефератии кори диссертатсионӣ аз фишурдаи фикрҳои аз рӯи се боб баровардаи муаллифи диссертатсия иборат буда, дар ин қисм натиҷаҳои аз тамоми кор бардошташуда баён гардидаанд.

Хулоса, авторефератии рисолаи Муртозоев Холмурод Ризоқулович "Вижагиҳои савтӣ ва лексикӣ-семантикии ашъори намояндагони сабки хуросонии адабиёти тоҷику форс" кори илмии анҷомёфта буда, ҷавобгӯи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (доктор PhD), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи диссертатсия Муртозоев Холмурод Ризоқулович ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

**Декани факултети филологияи**
**Донишгоҳи давлатии Бухоро**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор** **Раҷабов Д.З.**

BuxDU IMZONI TASDIQLAYMAN

XODIMLAR BO'LIMI

**200117, ш.Бухоро, кӯчаи М.Иқбол, 11,**
**Донишгоҳи давлатии Бухоро";**
**e-mail: buxdu_rektor@buxdu.uz**
**тел.:+998934536171**
**Имзои Д.З.Раҷабовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати шӯъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии Бухоро** **Файзиева У.**

«20» августи соли 2022